Ба Шурои диссераттсионии 6D.КОА – 077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, куч. А.Аҳмадов 11/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқ агар аз як тараф бо тағйирёбии босуръати низоми маориф, рушди технологияҳои рақамӣ ва ҷорӣ гардидани онҳо дар раванди таълиму омӯзиш шарт ёбад, аз ҷониби дигар бо зарурати баланд бардоштани малакаи касбии кадрҳои педагогӣ, такмили тахассуси онҳо асос меёбад. Дар ин замина, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои андрагогика ҳамчун илм дар бораи таълим ва тарбияи калонсолон, ки яке аз самтҳои калидии такмил ва бозомӯзии педагогҳоро ташкил додааст, муҳимму саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Зеро андрагогика ҳамчун заминаи методологӣ ва амалии такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки омӯзгорони муосир малакаҳои зарурии касбӣ, рақамӣ ва инноватсиониро ба даст оваранд. Ҳамзамон татбиқи дурусти принсипҳои андрагогӣ дар шароити нав ба баланд бардоштани сифати таълим, рушди захираҳои инсонӣ ва устувории иқтидори кадрии соҳаи маориф мусоидат хоҳад кард.

Бо дарназардошти муқаррароти зикршуда муаллифи диссертатсия зарурати таҳқиқи рисолаи доктариро бо вазифаҳои стратегии давлат: таъсиси механизми устувори тайёр намудани омӯзгорони рақобатпазир, баланд бардоштани салоҳиятнокии онҳо ва мутобиқ намудани нақшаҳои таълимии такмили ихтисос ба талаботи давраи нав барои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст.

Ҳамзамон раванди пайвастаю муттасили ташаккул ва рушди таълими шахсони калонсол, ба ҳисоб гирифтани синусол, ҷанбаи милливу иҷтимоӣ, равонӣ ва вижагиҳои дигари онҳо, тағйир ёфтани мақсад, мазмун, усул ва шаклҳои раванди такмили ихтисос, таҳлили таҷрибаи пешқадами такмили

ихтисоси кормандони соҳаи маориф, ташкили шаклҳои махсуси таълим дар корхонаю ташкилот ва алоқаи байни олимони соҳа бо намояндагони касбу кори гуногун масъалаҳои меҳварии таҳқиқотро ташкил додаанд. Дар ин замина, натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқот заминаҳои илмии методологиву назариявии андрагогикаро ҳам барои ташаккули педагогикаи миллӣ ва ҳам хориҷӣ фароҳам меоранд.

Тавре аз қисмати муқаддимавии автореферат бармеояд, муаллиф зимни омӯзиш, таҳлилу таҳқиқи доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои муътамад кӯшиши намудааст маълумоту донишҳоро дар соҳаи андрагогика ба низом дароварда, ба баъзе самтҳои таҳқиқнаёфтаи ин бахши педагогика, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои методҳо ва шаклҳои такмили ихтисоси омӯзгорон равшанӣ андохта, ба ин васила фазои холиқии таҳқиқотро дар ин соҳа пурра намояд.

Гузориши вазифаҳо ва мақсади таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо ҳам ҳамоҳанг буда, бо асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо баён гаштаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар баёни мантиқии муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фикру андешаҳо, мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафу вазифаҳо, гузаронидани озмоишҳо шарт меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили асарҳои зиёд дар гузоришу мақолаҳои худи муаллиф ва озмоишҳои гузаронидаи ӯ инъикос ёфта, хулосаҳо дар такя ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявию амалии мавзуъ ва таҳлили илми он ҳосил гардидаанд.

Тавре аз автореферат бармеояд, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, хулосаю тавсияҳо, номгӯйи адабиёти ифодашуда ва мақолаҳои нашргардидаи муаллиф иборат буда, дар сохтор ва маводи он пайдарҳамии мантиқии масъалаҳо пурра риоя гардидааст.

Аз мазмуни бобу зербобҳо ва хулосаҳои бадастомадаи муаллиф, ки дар автореферат баён шудаанд, бармеояд, ки ӯ ба ҳадафҳои гузоштаи худ ноил гардида, ба натиҷаҳои илман асоснок даст ёфтааст. Дар ин замина, муқарраротн зеринро ҷиҳати истифода ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод намудааст, ки моҳиятан барои шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ дошта, эътимоднок мебонад: истифода ва татбиқи илман асосноки таълими андрагогӣ, аз ҷумла, таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ асосноккунии муайянро барои омода намудани педагогҳои ояндаи ин соҳаи омӯзиш замина мегузорад; вазъи кунунӣ, таҳлил ва омода намудани педагогони андрагогика, ба вижа, таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ҷараёни таълим нишон медиҳад, ки дар нақша ва барномаҳои таълимӣ имконияти зиёди истифода дар раванди баландбардории дараҷаи тахассусӣ

имконпазир аст; таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудааст ва зарурати ба низом даровардани он пеш омадааст; корҳои санҷишии амалишуда ва натиҷаҳои он собит менамоянд, ки ҷорӣ намудани курси махсуси «маҳорати педагог дар ташаккули насли наврас» дар раванди таълиму тарбия барои омода намудани тахассусмандон мусоидат менамояд; ба барномаи муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии педагогон ворид намудани соатҳои иловагӣ марбути таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ба омода намудани шунавандагони соҳибтахассусу дорои дониши баланд ва таҷрибаи кофидошта мусоидат менамояд; истифодаи усули пешбурди фаъолияти инфиродӣ дар омода намудани шунавандагон ва боло бурдани тахассусмандии онҳо мусоидат менамояд; таҳсилоти калонсолон як узви пайвасти вазифаҳои раванди умумии таълим буда, такмили нақшаҳои таълимии ин самт мувофиқи мақсад мебошад ва ғ.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки муаллиф тавонистааст бори нахуст дар ҷумҳурӣ дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро аз нуқтаи назари илмӣ ва педагогӣ матраҳ намояд. Дар ин замина, ба натиҷа омадааст, ки ба роҳ мондан ва такмил додани таҳсилоти андрагогӣ ҳангоми омода намудани педагогон барои таҳсилоти калонсолон бва ташаккул додани роҳу усулҳои таълим имоният дода, ба таври назаррас ба ҳалли масъалаҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дарҷёфта мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, тавре аз мазмуну мундариҷаи автореферат бармеояд, диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Бояд гуфт, ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳияи автореферати диссертатсия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар автореферат баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ҷой доранд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқотро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Ҳамин тариқ, автореферати Сафарзода Мунир Ватан бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент директори
иҷроияи филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Файзализода Б.Ф.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Телефон.: (+992) 988-22-00-33.
E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Имзои Б.Ф. Файзализодаро тасдиқ мекунам:
сардори шӯъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои
махсуси филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Тел.: +992 (37) 221-99-41.
E-mail: info@msu.tj

«19» 11 соли 2025